# ФАРМОИШИ
# РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «01» 04 соли 2026 № 102/дм ш. Душанбе

Дар бораи додани дараҷаи илмии номзади илм

Мутобиқи сархати ҳабдаҳуми банди 9 ва сархатҳои чорум ва даҳуми банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 ва бандҳои 4, 5, 6 ва 116 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, **фармоиш медиҳам:**

1. Ба довталабони дарёфти дараҷаи илмӣ тибқи рӯйхат (чор нафар) дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмии номзади илм дода шавад (рӯйхат замима мегардад).
2. Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус (Мастонаи Сайдализод) дипломҳои намунаи давлатии дараҷаи илмиро барасмият дарорад.
3. Шуъбаи аттестатсионии илмҳои гуманитарӣ (Ҳокимхон Ализода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ва парвандаҳои аттестатсионӣ ҷойгир намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2026, №4

Раис Сайфиддин Давлатзода

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи олии
аттестатсионии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «01» 04 соли 2026, № 102/ди

Рӯйхати
довталабоне, ки ба дараҷаи илмии номзади илм сазовор дониста шудаанд ва ба онҳо дипломи намунаи давлатии дараҷаи илмӣ дода мешавад

| № | Насаб, ном ва номи падари довталаб | Шурои диссертатсионӣ, ки барои сазовор донистани дараҷаи илмии номзади илм ба Комиссия дархостнома пешниҳод кардааст; дараҷаи илмӣ |
|---|---|---|
| 1. | Каримдодзода Мирали Замон | 6D.KOA-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09-Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ |
| 2. | Қурбонхолов Турабек Тошевич | 6D.KOA-061 назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав; номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.10.01 – Таърихи илм ва техника (илмҳои таърих) |
| 3. | Салимзода Фатхиддин Файзиддин | 6D.KOA-093 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.07-Мардумшиносӣ, этнология ва антропология |
| 4. | Раҷабализода Шаҳло Раҷабалӣ | 6D.KOA-088 назди Донишгоҳи давлатии Данғара; номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ |